«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ________________
«30» _____08_______ соли 2025

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Диссертатсияи номзадии Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзӯи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.**

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Файззода Моҳинав Раҷаб унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Файззода Моҳинав Раҷаб соли 1996 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2002 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори ДМТ аз 15.01.2020 с. №10-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 19.12.2023 с. №510-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 31- уми декабри соли 2020, суратмаҷлиси № 5 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Азиззода Убайдулло Абдулло, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 15-юми майи соли 2025, №55 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 28 июни соли 2025, №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институтути никоҳ дар Тоҷикистони шӯравӣ ва пасошӯравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институтути никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мавзуҳои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки оид ба баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ  дар бар гирифта, онҳо метавонанд ба рушд ва мукаммал гардонидани ҷанбаҳои муҳимми танзими соҳавию ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, меърос, идоракунию давлатӣ, ҳуқуқи инсон ва ғайра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ ба ташаккули консепсияи дарки мазмуни тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ пайвастагии бевосита дорад, ки он ба инкишофи категорияҳои «ҳуқуқшиносӣ» ва «давлатшиносӣ» мусоидат намуда, заминаи мавҷударо барои рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти илмии минбаъда пурра созад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи инкишофи институтути никоҳ дар Тоҷикистони шӯравӣ ва пасошӯравӣ сарҳадоти фаҳмиши таърих, назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсии мутафаккирони халқи тоҷик, муқоисаи таърихӣ ҳуқуқии назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқсозӣ

замони пешин бо шароити имрӯзаи рушди кишвар ба маротиб васеъ хоҳад шуд. Аз маводу хулосаҳои диссертатсия метавон дар таҳқиқотҳои оянда ва дар ҷараёни тадриси фанҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи оилавӣ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи инсон, инчунин ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ истифода намуд.

Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, махсусан фарҳанги ҳуқуқии оиладории ҷавонон, худшиносию худогоҳии мардум, огоҳӣ пайдо намудан аз таъриху фарҳангӣ миллӣ ва ғайра хизмат намояд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институтути никоҳ дар Тоҷикистони шӯравӣ ва пасошӯравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, таърихи қонунгузории оилавӣ, таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои илман асоснок ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили муносибатҳои идоракунию ҳуқуқӣ ва рушди низоми ҳуқуқи миллӣ аҳаммияти назаррас доранд. Чунончи:

1. Омӯзиши таърихи ҳуқуқи никоҳ ҳамеша таваҷҷӯҳи зиёди назариячиён ва амалиячиёнро ба вуҷуд овардааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки оид ба фаҳмиши никоҳ дар адабиёт назарияҳои мухталиф ҷой дошта, ҷиҳати муайян намудани мазмуну моҳият ва мафҳуми никоҳ равишҳои мухталифи методологӣ истифода гардидааст. Зимни таҳқиқот ба мо маълум гардид, ки дар ҳуқуқи шуравӣ нисбат ба замони муосир оид ба мафҳуми никоҳ назарияҳои зиёду мухталиф пешниҳод шудааст. Ба андешаи мо, дар ҳуқуқи шуравӣ оид ба фаҳмиши никоҳ чунин назарияҳо мавҷуд буданд: назарияи патриархалии никоҳ; назарияи шартномавии никоҳ; назарияи сотсиалистии никоҳ; назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун факти ҳуқуқӣ; назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун падидаи мустақил; назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун мақом; назарияи фаҳмиши никоҳ ба маънои васеъ ва маҳдуд; назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ ва ғайра.

2. Дар ҳуқуқи шуравӣ паҳн гардидани анъанаи иҷтимоию ҳуқуқии гузаштаи халқи тоҷик ба таври мухолиф сурат гирифтааст. Масалан, синни никоҳии нисбатан паст, ризоияти никоҳшавандагон, манъи никоҳи шахси ба синни никоҳӣ нарасида ва дигар масъалаҳои монанд дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ ба ҳамдигар ҳамшабеҳ мебошанд. Аммо масъалаҳои синни дақиқи никоҳӣ, манъи бисёрникоҳӣ, додани маҳр ва монанди инҳо дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зикршуда ба таври мухаталиф пешбинӣ шудаанд. Чунин ҳолат гувоҳӣ он аст, ки институти оила аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва баъдан ба низоми ҳуқуқи шуравӣ ба тариқи меросият гузариш намуда, дар ин раванд марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, баъзе арзишҳо ва меъёрҳои навро ба худ касб намудааст. Чунин арзишҳои ҳуқуқӣ оид ба никоҳ то замони муосир омада расида, мутаассифона, аксарияти онҳо то кунун мавриди таҷдиди ҷиддӣ қарор нагирифтаанд. Андешаи мазкур дар он асос мебошад, ки аксари масъалаҳои вобаста ба никоҳ (аз ҷумла, шатҳо ва тартиби бастани никоҳ) тавре, ки дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мавҷуд буданд, дар низоми муосири ҳуқуқ низ бетағйир мондаанд. Бинобар ин, шартҳо,

тартиби бастан, ҷой доштани монеаҳои ақди никоҳ, вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва дигар масъалаҳои монанд ба таҷдиду такмил ниёз доранд.

3. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки қонунгузории шуравӣ оид ба никоҳ як марҳилаи пурпечутоби таърихӣ ва инкишофро аз сар гузаронида, дар байни солҳои 1917-1970 як қатор санадҳои ҳуқуқии ҷудогонаро фаро мегирад. Қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ танҳо дар солҳои 70-ум бо қабули Кодекси ҶШС Тоҷикистон оид ба никоҳ ва оила ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон дар сатҳи лозима муносибатҳои ҳуқуқиро оид ба никоҳ мавриди танзим қарор дода, нисбат ба санадҳои қаблан қабулгардида мукаммал ба ҳисоб мерафтанд. Далели мукаммалии ин санадҳо дар он ифода мегардад, ки онҳо то қабули нахустин санадҳои ҳуқуқии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон амал кардаанд. Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз қабули санадҳои ҳуқуқии зиёд ва ислоҳот дар самти қонунгузории оилавӣ, ки дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ таъсири мусбӣ расонидаанд, вале дар марҳилаҳои аввал як қатор камбудиҳо ба назар мерасиданд. Аз ҷумла, падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ, масалан, тартиби бастани никоҳ на дар қонун, балки дар санадҳои зерқонунӣ зикр шуда буданд; қонунҳои нав қабулшавандаи марбут ба никоҳ ва оила бидуни зарурат меъёрҳои ҳуқуқии оилавии пешамалкунандаро такрор мекарданд; қонунгузории оилавии амалкунанда аксаран хислати тантанавӣ дошт; байни меъёрҳои оилавию никоҳии алоҳида ихтилофҳо ба назар мерасиданд.

4. Тамоми санадҳои қабулшуда дар давраи шуравӣ аввалан ба никоҳ таваҷҷӯҳ намудаанд. Боиси таачуб аст, ки дар тамоми декретҳо ва кодексҳои давраи шуравӣ зимни номгузорӣ аввалн ба никоҳ ва баъдан ба оила такя карда шудааст. Яъне, дар номи санадҳои ҳуқуқӣ мафҳуми никоҳ пеш аз мафҳуми оила оварда шудааст, ки чунин ҳолат мубрамияти никоҳро дар давраи шуравӣ ифода мекунад. Дар қонунгузории имрӯза бошад, таваҷҷӯҳи бештар ба оила зоҳир гардида, нисбат ба никоҳ нисбатан таваҷҷӯҳ маҳдуд ба назар мерасад. Гуфтан мумкин аст, ки ҳокимияти шуравӣ асоси оила будани никоҳро дарк *намуда, таваҷҷӯҳи асосиро ба*

никоҳ равона сохтааст. Зеро никоҳи қонунӣ ва муваффақ самаранокӣ ва устувории оилаҳоро таъмин менамояд. Маврид ба зикр аст, ки аз кишварҳои пасошуравӣ танҳо Ҷумҳурии Қазоқистон таҷрибаи шуравиро нигоҳ доштааст. Зеро дар кишвари мазкур кодекс чунин номгузорӣ шудааст: «Кодекси Ҷумҳурий Қазоқистон оид ба никоҳ (ҳамсарӣ) ва оила». Аз номи санади мазкур бармеояд, ки он ба қонунгузории давраи шуравӣ қариб пурра наздик мебошад.

5. Бояд тазаккур дод, ки дар замони соҳибистиқлолӣ танзими масъалаҳои оилавию никоҳӣ тавассути қонунгузории нави оилавии ҶТ ба роҳ монда шуд. Дар ҶТ қонунгузории оила ба ихтиёрии ақди никоҳ, яккаҳамсарӣ, баробарҳуқуқии зану шавҳар, бо ризоияти тарафайн ҳалли баҳсҳои дохили оила, афзалияти тарбияи мутақобилаи фарзандон, ғамхорӣ дар бораи некӯаҳволӣ ва инкишофи онҳо асос меёбад. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории оилавии кишвар мафҳуми ҳуқуқии оила пешбинӣ нашудааст, дар ҳоле ки мавҷудияти мафҳуми оила ва никоҳ дар қонунгузории оилавии кишвар бисёр муҳим буда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ мебошад. Дар дилхоҳ баҳсҳои ҳуқуқие, ки ба оила ва никоҳ рабт доранд, ҷиҳати муайян намудан ва додани баҳои воқеӣ ба он, ки оила ва ё никоҳи муайян расмӣ ё ғайрирасмӣ мебошад, ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқ ҳаст ё не, дар чунин масъалаҳо танҳо мафҳуми расмии оила ва никоҳ мусоидат карда метавонад, ки инро бояд қонунгузории оилавӣ муқаррар намояд.

6. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки новобаста аз коҳиш ёфтани арзишҳои оилавию никоҳ нақши он дар ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ ва давлатӣ баланд ва пураҳаммият боқӣ мемонад. Танҳо давлатро зарур аст, ки дар ин самт чораҳои зарурии ҳуқуқӣ андешад, то никоҳро ҳамчун муҳимтарин арзиши оилавии насли гузашта ҳифз намояд. Мафҳуми дақиқи никоҳ дар қонунгузории оилавӣ мустаҳкам карда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани арзишҳои анъанавии никоҳ дар кишвар чораҳои муҳим андешида шаванд. Институти никоҳ дар марҳалаи ҳозираи инкишофи худ давраи душвори гузаришро аз модели анъанавӣ ба модели нисбатан озод ва соддатар аз сар мегузаронад, ки аҳаммияти мақсадҳои никоҳ, яъне таваллуд ва тарбияи

кӯдакон кам шуда истодааст. Мо чунин мешуморем, ки дар ин шароит вазифаи давлат аз он иборат аст, ки институти никоҳ, баланд бардоштани нуфузи ба қайдгирии иттифоқҳои никоҳ ва дастгирии иҷтимоии оилаҳо таъмин карда шавад, зеро некуаҳволии ҷомеа ва умуман давлат аз оила вобаста мебошад.

7. Чунин мафҳум никоҳро пешниҳод кардан мумкин аст: никоҳ иттиҳоди озоду ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи марду зани никоҳшаванда мебошад, ки бо муҳаббат ва ғамхории ҳамдигар муттаҳид гардида, бо мақсади бунёди оила сохиши ихтиёронаи худро дар мақомоти давлатӣ расман тасдиқ намудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили муфассал ба мо имкон медиҳад, ки аломатҳои никоҳро муайян кунем, ки барои ошкор кардани моҳияти ҳуқуқии он мусоидат мекунанд: иттифоқи зану мардро ифода мекунад; якканикоҳӣ; озодии бастани никоҳ; баробарҳуқуқии зану шавҳар; бақайдгирии ҳатмӣ дар мақомоти САҲШ; мақсад бунёди оила аст; дар байни зану шавҳар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсии мутақобила ва молу мулкиро ба вуҷуд меорад.

8. Тамоми субъектони никоҳ дар умум ҳамчун тарафҳои ақди никоҳ ҳисобида мешаванд ва ибораи «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ бастан доранд» муайян кардани мафҳум ва ҳайати тарафҳои ақди никоҳро душвор месозад. Қонунгузории оилавӣ дар баробари ин, дигар мафҳумҳоиноравшанро низ истифода мебарад, ки ба дақиқсозӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, мафҳумҳои ҳамсарон, зан ё шавҳар, никоҳшавандагон ва монанди инҳо. Масалан, Кодекси оила дар м. 16 зимни муайян кардани асосҳои қатъи никоҳ дар қисми якум мафҳуми «ҳамсарон» ва дар қисми дуюм мафҳуми «зан ё шавҳар» истифода бурдааст. Саволе ба миён меояд, ки магар ин мафҳумҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд? Оё мафҳуми ҳамсарон ҳамон зану мард аст? Фикр мекунам, ки истифодаи дақиқи мафҳуми «марду зан» ва ё «мард ё зан» дуруст мебошад. Зеро мафҳуми ҳамсаронро имрӯз ба маънои қаблии худ маънидод намудан душвор аст. Ин ба он хотир аст, ки дар кишварҳои гуногун намудҳои мухталифи никоҳҳо ба миён омада истодааст. Масалан, никоҳи байни ҳамҷинсҳо, байни одаму ҳайвон ва. Мафҳуми ҳамсарон васеъ

буда, чунин никоҳҳои ғайрианъанавиро фаро гирифтанаш мумкин аст. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар қонунгузорӣ мафҳумҳо дақиқ ва якхела карда шаванд. Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ бояд дақиқ муқаррар карда шавад, ки ба ҳайси тарафҳои ақди никоҳ киҳо баромад мекунанд.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, номгӯи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти довталаб иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 тои он дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5.12 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Файзова, М.Р. Анъанаҳои таърихии итҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ [Матн] / У.А. Азиззода, М.Р. Файзова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 35-41.

**[2–М].** Файзова, М.Р. Нақши анъанаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣдар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шӯравӣ [Матн] / У.А. Азиззода, М.Р. Файзова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №2 (46). – С. 44-52.

**[3–М].** Файзовав, М.Р. Баъзе ҷанбаҳои назариявии институти никоҳ дар ҳуқуқи шӯравӣ [Матн] / У.А. Азиззода, М.Р. Файзова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №2 (30). – С. 86-100.

[4–М]. Файзова, М.Р. Баъзе масъалаҳои инкишофи қонунгузории оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.А. Азиззода, М.Р. Файзова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – №4 (52). – С. 53-61.

[5–М]. Файзова, М.Р. Инкишофи мафҳум, моҳият, таъиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистн / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 10. Қисми II. – С. 231-239.

[6–М]. Файзова, М.Р. Таҳаввули вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани акди никоҳ дар давраи шӯравӣ [Матн] / М.Р. Файзова, Ф.А. Бобохонов // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДҲБСТ» / Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – №4 (101). – С. 28-37.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[7–М]. Файзова, М.Р. Аосҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шӯравӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ. – 2022. – №2 (июл-декабр). – С. 92-99.

[8–М]. Файзова, М.Р. Инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назари явӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқши-носӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 646-655.

[9–М]. Файзова, М.Р. Инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои акди никоҳ [Матн] / М.Р. Файзова // маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Конституция как фактор стабильности государства» (Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат) (25 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 117-121.

[10–М]. Файзова, М.Р. Баъзе масъалаҳои ташаккули институти никоҳ дар низоми ҳуқуқи шӯравӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Паёми Донишкадаи

омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт / Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. – №1 (1). – С. 81-89.

**[11–М].** Инкишофи афҳуми никоҳ ва нақши он дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ. //Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2014 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (6 уми декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 586-591.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи номзадии Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институтути никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи номзадии Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институтути никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 19 нафар, аз ҷумла, 2 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Мирализода И.Қ., Холиқзода А.Ғ. 8 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Бобоева Н.И., Саидзода И.И., Искандаров Ш.Ф. Исозода П.А., Сафарализода Д.С., Холиқов Н.А. 2

нафар муаллими калон, Холиқова О.А., Исматова М.Ҳ. 7 нафар ассистент Азимов С.Ш., Аҳадзода А.А., Муминзода М.Н., Бобозода У.Э., Иброҳимзода Ш.Ҳ., Сайфуддинзода Ф.С., Азизов С.С.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси № 11 аз 28-уми июни соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон И.Қ. Мирализода

**Котиби ҷаласа:** С.С. Азизов

**Имзои И.Қ. Мирализода ва С.С. Азизов - ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«30» 06 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj